# Тақризи

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Хуҷанд, 2026. - 9с.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**

Мавзуи диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна – «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон дорои аҳаммияти баланди илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот, татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, баланд бардоштани сифати омузиши забони давлатӣ, ташаккули фарҳанги нутқ, худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури эҷодии хонандагон аҳаммияти махсус дорад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо он асоснок мегардад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аз самтҳои асосӣ ва ҳалталаби таълими забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи таълим нишон медиҳад, ки хонандагон дар бисёр ҳолатҳо қоидаҳои грамматикиро аз худ мекунанд, таърифҳоро медонанд, қисматҳои забонро номбар карда метавонанд, вале ҳангоми истифодаи амалии донишҳо дар ҷараёни нутқ, таҳияи матни мураттаб, ҷумлаҳои мантиқӣ, баёни мустақили андеша ва корбурди бомавриди воситаҳои забонӣ ба мушкилӣ дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои самараноки пайваст намудани таълими грамматика бо фаъолияти нутқ ва матнофарии хонандагон масъалаи воқеан муҳим ва зарурӣ мебошад.

Диссертант роҳи ҳалли ин масъаларо зимни истифодаи мақсадноки осори пандомез ва ибратбахши классикони форсу тоҷик дар раванди таълими синтаксиси забони тоҷикӣ таҳқиқ намудааст. Ин равиш аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дуруст аст, зеро осори классикон на танҳо сарчашмаи арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ, балки манбаи пурғановати ҳусни забон, таркибҳои синтаксисӣ, вожаҳои пурмаъно, ибораҳои образнок ва матнҳои дорои афкори баланди мантиқӣ мебошанд. Истифодаи чунин матнҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ омӯзиши синтаксисро ба раванди фаъоли маърифатӣ, тарбиявӣ ва нутқмеҳвар табдил медиҳад.

Мусаллам аст, ки дар раванди таълим танҳо донистани қоидаҳои забон кофӣ нест. Ҳадафи асосӣ он аст, ки хонанда қоидаҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст истифода бурда тавонад, фикрашро равон, бамантиқ, фасеҳ ва таъсирбахш баён кунад. Аз ҳамин ҷиҳат, рисолаи мавриди назар бо масъалаҳои муҳимми методикаи таълими забони тоҷикӣ – рушди нутқи мураттаб, таълими босалоҳияти синтаксис, кор бо матни бадеӣ, истифодаи осори классикон ва ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон робитаи зич дорад.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Сохтори рисола ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқ буда, пайдарпайии мантиқии таҳқиқро таъмин менамояд. Дар боби якум асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавқеи онҳо дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8–9 таҳлил гардидааст. Дар боби дуюм ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб баррасӣ шудааст. Дар боби сеюм корҳои озмоишию таҷрибавӣ, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва самаранокии модели пешниҳоднамудаи муаллиф таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои асосии таҳқиқот дуруст ва мутобиқ ба талаботи кори илмӣ баён шудаанд. Мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи таҷрибавӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва интишори натиҷаҳо мушаххас нишон дода шудаанд. Мақсади таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудан, коркард ва дар амал санҷидани низоми истифодаи осори классикони тоҷик дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои 8–9, муайян намудани имкониятҳои методии онҳо дар таълими синтаксис ва ошкор сохтани нақши чунин осор дар ташаккули салоҳиятҳои забонӣ, коммуникативӣ ва нутқи мураттаби хонандагон иборат мебошад.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми рисола дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф истифодаи осори классиконро танҳо ҳамчун масъалаи адабӣ ё тарбиявӣ баррасӣ накардааст. Ӯ ин масъалаи муҳимро дар доираи методикаи таълими забони тоҷикӣ, махсусан дар робита бо таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Чунин равиш аз нигоҳи лингводидактикӣ қобили дастгирист, зеро матни классикӣ дар дарси забон метавонад ҳамзамон чанд вазифаро иҷро намояд: вазифаи грамматикӣ, луғавӣ, услубӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва коммуникативӣ.

**Дар боби якум «Асосҳои лингводидактикии истифодаи осори лкассикон дар дарсҳои забони тоҷикиии синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон”** диссертант асосҳои назариявӣ ва лингводидактикии истифодаи осори классиконро дар таълими забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки омӯзиши синтаксис дар синфҳои 8–9 бояд танҳо ба аз худ кардани таърифҳо ва қоидаҳои марбут ба ҷумлаи сода ва мураккаб маҳдуд нагардад. Синтаксис бояд ба хонанда роҳҳои дуруст сохтани фикр, пайваст намудани ҷумлаҳо, баёни мантиқии андеша ва истифодаи воситаҳои гуногуни забониро омӯзонад. Аз ин рӯ, таълими синтаксис дар асоси матнҳои

пурмазмун ва бадеӣ метавонад ба рушди нутқи шифоҳию хаттии хонандагон таъсири бештар расонад.

Дар ин боб муаллиф ба андешаҳои олимон ва методистони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, масъалаҳои робитаи забон ва нутқ, таълими грамматика ва рушди нутқ, нақши матни адабӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ, аҳаммияти осори классикон дар ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва ташаккули фарҳанги сухани хонандагонро таҳлил кардааст. Истифодаи осори С. Шербоев, С. Ҳоҷиев, М. Қосимова, С. Аминов, С. Негматов, М. Қурбонов, Б. Камолиддинов, Д.Ҳоҷаев ва дигар муҳаққиқон ба таҳқиқот заминаи назариявии устувор бахшидааст.

Қобили зикр аст, ки диссертант дар боби якум масъалаи интихоби мисолҳо, ҷумлаҳо, байтҳо ва матнҳоро аз осори классикон махсус таъкид менамояд. Ин масъала дар методикаи таълим аҳаммияти муҳим дорад, зеро на ҳар матни классикӣ барои дарси забон мувофиқ аст. Матн бояд аз ҷиҳати мазмун, ҳаҷм, дараҷаи душвории луғавӣ, сохтори синтаксисӣ, мувофиқат ба синну сол ва робита бо мавзӯи таълимӣ дуруст интихоб шавад. Муаллиф ин масъаларо бо назардошти ҷанбаи тарбиявӣ ва рушди нутқ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки матнҳои классикӣ бояд на ҳамчун маводи ороишӣ, балки ҳамчун воситаи фаъолкунандаи тафаккур ва нутқи хонандагон истифода шаванд.

**Боби дуюми рисола “Ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8ғ9 дар раванди таълими синтаксиси ҷумлаҳои содда ва мураккаб”** бештар хусусияти методӣ дорад. Дар он масъалаи истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар ҷараёни таълими синтаксис аз чунин навъи корҳо истифода шавад: шарҳи луғат, тафсири байт, аз назм ба наср баргардонидани матн, муайян кардани аъзоҳои ҷумла, таҳлили синтаксисӣ, сохтани ҷумла аз рӯйи қолаби додашуда, навиштани эссе ва таҳияи матнҳои мустақил. Чунин маҷмӯи корҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки хонанда танҳо

қабулкунандаи қоида намемонад, балки ба таҳлилгар, тафсиргар ва офарандаи матн табдил меёбад.

Дар боби мазкур диссертант равшан нишон медиҳад, ки истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ бояд бо мавзӯи грамматикӣ робитаи мустақим дошта бошад. Масалан, ҳангоми омӯзиши ҷумлаи сода аз байтҳо ва ҷумлаҳое истифода бурдан лозим аст, ки барои муайян кардани сараъзо ва аъзоҳои пайрав, тарзи ифодаи онҳо, ҷойи аъзоҳо дар ҷумла ва робитаи маъноию сохтории онҳо имконият диҳанд.

Ҷиҳати пуркимати боби дуюм дар он аст, ки муаллиф ба масъалаи рушди нутқи мураттаб тавассути кор бо матн аҳаммияти махсус медиҳад. Аз назм ба наср баргардонидани байтҳо, шарҳи маънои вожаҳои душвор, тафсири мазмун, сохтани ҷумла аз рӯйи қолаб ва навиштани эссе ҳамаи ин амалҳо ба ташаккули қобилияти фикрро пайдарпай, дуруст ва равон баён кардани хонандагон мусоидат мекунанд. Чунин равиш ба талаботи таълими муосир мувофиқ мебошад.

**Боби сеюми диссертатсия “Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба истифодаи осори адибони классик ҳамчун воситаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон”** ба корҳои озмоишию таҷрибавӣ бахшида шуда, яке аз қисматҳои муҳими рисола ба шумор меравад. Дар ин боб диссертант самаранокии методикаи пешниҳодшударо дар асоси озмоиши педагогӣ санҷидааст. Озмоиш дар чор муассисаи таълимӣ — гимназияи №2, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №12 ва №24-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Хуҷанд гузаронида шудааст. Дар озмоиш дар маҷмӯъ 398 нафар хонанда, аз ҷумла 205 нафар хонандаи синфҳои VIII ва 193 нафар хонандаи синфҳои IX иштирок намудаанд. Ҳамчунин 16 нафар омӯзгор бевосита дар раванди озмоиш саҳм гузошта, фикру мулоҳизаҳои 42 нафар омӯзгор тавассути анкетаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Чунин ҳаҷми маводи таҷрибавӣ барои кори номзадӣ қобили қабул буда, ба натиҷаҳои таҳқиқот эътимод мебахшад. Диссертант гурӯҳҳои озмоишӣ ва

назоратиро муқоиса намуда, нишон додааст, ки истифодаи низомнок ва мақсадноки осори классикон дар таълими синтаксис ба рушди донишҳои назариявӣ, малакаҳои таҳлили ҷумла, ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Натиҷаҳои озмоиш нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ дар аксари навъҳои супоришҳо — шарҳи луғат, тафсири байт, аз назм ба наср баргардонидан, таҳлили синтаксисӣ, сохтани ҷумла аз рӯйи қолаби наҳвӣ ва муайян кардани сохтори ҷумлаҳои содаю мураккаб– пешравии назаррас ба мушоҳида мерасад. Дар баъзе самтҳо фарқи нишондиҳандаҳо аз 10 то 42 фоизро ташкил додааст. Ин маълумот дурустии фарзияи таҳқиқот ва самаранокии модели пешниҳодшударо собит менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар доираи кори диссертатсионӣ асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар синфҳои 8–9 дар заминаи матнҳои осори классикони форсу тоҷик ба таври махсус таҳқиқ шуда, робитаи онҳо бо инкишофи нутқи мураттаби хонандагон асоснок гардидааст. Ҳамчунин диссертант модели методии истифодаи осори классиконро дар таълими синтаксис пешниҳод намуда, самаранокии онро тавассути озмоиши педагогӣ тасдиқ кардааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он барои такмили назарияи таълими синтаксис, таҳлили матн дар дарсҳои забони тоҷикӣ, рушди методикаи истифодаи осори классикон ва ташаккули салоҳияти нутқию коммуникативии хонандагон заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Диссертатсия нишон медиҳад, ки матни адабӣ метавонад на танҳо объекти омӯзиши адабиёт, балки воситаи муҳими таълими забон бошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** низ назаррас аст. Натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертант метавонанд дар фаъолияти омӯзгорони забони тоҷикӣ, таҳияи дастурҳои методӣ, китобҳои ёрирасон, курсҳои такмили ихтисос, машғулиятҳои методикаи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва таҳияи маводи иловагӣ барои синфҳои 8–9 истифода шаванд.

Пешниҳодҳои муаллиф, махсусан оид ба интихоби матнҳои классикӣ, кор бо луғат, тафсири байт, таҳлили синтаксисӣ, аз назм ба наср баргардонидан ва навиштани эссе, барои омӯзгорони амалкунанда аҳаммияти воқеӣ доранд.

Дар мавриди мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ бояд таъкид намуд, ки мавзуъ, мазмун, мақсад, вазифаҳо, навгонӣ, натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии рисола ба ихтисоси 5.3. – Педагогика. 5.3.5.3 — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пурра мувофиқат мекунанд. Дар диссертатсия масъалаи таълими забони тоҷикӣ, роҳу усулҳои таълими синтаксис, ташаккули нутқи мураттаб, истифодаи матнҳои бадеӣ ва рушди салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативии хонандагон таҳқиқ шудааст, ки ҳамаи онҳо ба доираи масъалаҳои ихтисоси мазкур дохил мешаванд.

**Асосокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо чанд омил таъмин гардидааст: такя ба осори назариявӣ ва методии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ, ташкили озмоиши педагогӣ, муқоисаи гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, истифодаи маълумоти оморӣ, муҳокимаи натиҷаҳо дар конференсияҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 24 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба чоп расидаанд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ асосҳои назариявӣ ва методии масъалаи таҳқиқро муайян намуда, имкониятҳои истифодаи осори классиконро дар таълими синтаксис асоснок кардааст, маҷмуи машқу супоришҳоро таҳия намуда, озмоиши педагогиро ташкил ва натиҷаҳои онро таҳлил кардааст. Диссертант тавонистааст, ки масъалаи назариявиро ба майдони амалияи таълимӣ ворид намуда, самаранокии онро бо далелҳои таҷрибавӣ нишон диҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор, мундариҷа, услуб, ороиш, ҳаҷми диссертатсия ба меъёрҳои муйяншудаи

Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва сохтор кори анҷомёфта мебошад. Агар дар боби якум заминаҳои назариявию лингводидактикӣ таҳлил шуда бошанд, дар боби дуюм роҳу усулҳои методии истифодаи осори классикон дар таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб пешниҳод гардидааст. Дар боби сеюм натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ҷамъбаст шудаанд. Хулосаҳои пешниҳодшуда аз мазмуни бобҳо бармеоянд ва тавсияҳои амалии муаллиф ба натиҷаҳои таҳқиқот асос доранд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, диссертатсия аз баъзе хатоҳо ва камбудиҳо холӣ нест:

1. Муаллиф масъалаи истифодаи осори классиконро асосан дар робита бо таълими синтаксис таҳлил намудааст. Хуб мебуд, ки дар қисмати тавсияҳо имконияти истифодаи амсилаи пешниҳодшуда дар омӯзиши бахшҳои дигари забон, аз ҷумла лексика, фразеология, услубшиносӣ ва фарҳанги нутқ, каме муфассалтар нишон дода мешуд.

2. Меъёрҳои интихоби матнҳои классикиро (аз ҷиҳати синну сол, дараҷаи душвории луғавӣ, ҳаҷм, мазмун ва мутобиқат ба мавзӯи синтаксис) дар шакли ҷадвал ё алгоритми методӣ мебоист пешниҳод мешуд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасанд. Ислоҳи онҳо пеш аз нашри ниҳоии рисола мувофиқи мақсад аст.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти тавсиявӣ ва таҳририӣ доранд ва арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муҳим он аст, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, фарзияи таҳқиқотро тавассути таҳлили назариявӣ ва озмоиши педагогӣ тасдиқ кардааст.

Муҳаққиқ дар такя ба вазифаҳои дар наздаш гузошта комёб гардидааст. Таҳлилҳои асоснок далели он аст, ки унвонҷӯй ба умқи мавзуъ чуқур фурӯ рафта, рисолаи илмии арзандаро ба муҳокима ва дифоъ пешниҳод намудааст.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамояд. Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии диссертатсияро фаро мегиранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8–9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон» кори илмии мустақил, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 — Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
мудири шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Иматзода Лутфия Маҳмадулло

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 144, хонаи 198.
Тел.:(+992322) -227-62-46, Моб.: +992 555-33 -31-21.
Суроғаи электронӣ: e-mail: imatoval@mail.ru.

Имзои Л.М.Иматзодаро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Хосият

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. А.Адҳамов 11/2.
Тел.: 227 45 25; 227 46 00; e-mail: prmatt@maorif.tj.

07.09.2026с.